# Такриз

**ба диссертатсияи Робияи Абдусамад дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, киёсӣ ва муқоисавӣ)**

Омӯзиши истилоҳоти забонҳои мухталиф дар ҷанбаи муқоисавӣ-таърихӣ ва типологӣ метавонад кисман ба ҳалли ин мушкилоти зикргардида мусоидат намуда, барои муассиртар ва созандатар намудани иртиботи илмии миллатҳои гуногун роҳ кушояд.

Омӯзиши хусусиятҳои истилоҳоти китобдорӣ забонҳои хориҷӣ барои дарки мушкилоте, ки дар асарҳои илмии олимони хориҷӣ дарҷ гардидаанд ва инчунин ғояҳое, ки онҳо пешниҳод намудаанд, роҳ боз менамояд.

Дар забоншиносии тоҷик доир ба истилоҳшиносӣ олимони зиёд фикру андешаҳои худро баён намудаанд, аз ҷумла таҳқиқоте, ки дар солҳои охир оид ба назарияи истилоҳот ва истилоҳошиносии тоҷик аз ҷониби донишмандон, амсоли М. Султонов, С. Назарзода, М. Қосимова, П. Нуров, С. Ҷаматов, Ш. Ҳаитова, Х. Уралов, Ш.Каримов ва дигарон рӯйи нашр баромаданд, ки барои коркарди соҳаҳои то ҳол таҳқиқнашудаи истилоҳоти забони тоҷикӣ, аз ҷумла соҳаҳои китобдорӣ, заминаи назариявӣ ва амалӣ тайёр кардаанд.

Диссертатсияи Робияи Абдусамад «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» номгузорӣ шуда, аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёту маъхазҳо ва замима иборат буда, дар 181 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

Дар **муқаддима** аҳамияту навоварии таҳқиқот асоснок гардида, мақсад, вазифа ва фарзияҳо пешниҳод гардида, пояҳои методологӣ ва назариявии рисола, заминаи сарчашмашиносӣ, аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалии диссертатсия нишон дода шуда, нуктаҳои асосии дар кор баррасишаванда оварда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «Заминаҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои муқоисашаванда» номгузорӣ шудааст, ки он аз панҷ зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якуми боби аввал **«Мафҳуми истилоҳ ва таърихи таҳқиқоти он»** маълумоти умумӣ оиди масъалаҳои марбути мафҳуми истилоҳ, тамоюлоти аслии таҳқиқ ва мавқеи истилоҳоти китобдорӣ дар забоншиносии муосир, заминаҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти китобдорӣ, сарчашмаҳои ташаккулёбии истилоҳоти китобдории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар зербоби дуюм **«Масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносӣ»** маълумот дар бораи омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносӣ оварда шудааст.

Дар зербоби сеюм **«Заминаҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дошта, дар он масъалаҳои назариявии омӯзиши истилоҳоти китобдорӣ баррасӣ гардидааст.

Дар зербоби чорум **«Сарчашмаҳои ташаккулёбии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои қиёсшаванда»** диссертант дар оиди сарчашмаҳои ва фарҳангҳои соҳаи китобдории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ маълумот додааст.

Дар зербоби панҷум **"Нақши аломатҳои китобат дар ташаккули фарҳангҳои истилоҳоти китобдорӣ"** ном дода шудааст. Дар зербоби мазкур диссертант оид ба қоидаҳои асосии истифодаи аломатҳои китобат маълумот пешниҳод намудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия **«Таҳлили сохтории истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** фикру андешаҳо оиди таҳлили сохтори истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баён шудааст.

Дар боби мазкур ҳар як истилоҳи китобдориро вобаста ба мансубияташон гурӯҳбандӣ гардида, сипас ба таҳлили сохторӣ ё таркибии он мисолҳо оварда шудааст.

Зербоби якум **«Усулҳои асосии калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** номгузорӣ шуда, дар он намудҳои асосии истилосозӣ баррасӣ гардидааст. Диссертант таъкид менамояд, ки бо роҳи наҳвӣ дар қолаби ибора сохтани истилоҳ як навъи маъмултарин ва сермаҳсултарини қолабҳои калимасозӣ мебошад ва дар соҳаи китобдорӣ ибораистилоҳот хеле зиёд ба назар мерасанд. Чунин қолабҳои истилоҳсозиро метавон ба ду гурӯҳ: ибораҳои изофӣ ва пешояндӣ ҷудо намуд.

Зеркисми дуюми зербоби якум: **«Ташаккули истилоҳот ба воситаи вандҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** номгузорӣ шудааст. Диссертант қайд намудааст, ки доираи калимасозии баъзе аз пешвандҳо маҳдуд аст. Дар сохтани қариб аксарияти ҳиссаҳои нутқ метавон иштироки пешванд ва пасвандҳоро мушоҳида намуд. Дар сохтани калимаҳои нав доираи истифодаи пасванду пешванд як хел нест. Пасвандҳо нисбат ба пешвандҳо миқдоран зиёд буда бештар исм, сифат ва зарф, аммо пешвандҳо сифату феъл ва зарф месозанд. Миёнвандҳо бошанд асосан дар байни асосҳои калимаи мураккаб меоянд.

Дар зербоби сеюм **«Ташаккули истилоҳоти китобдорӣ ба воситаи пасвандҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** таҳлили вандҳо дар забонҳои муқоисашаванда ҷой дода шудааст.

Зербоби чоруми боби мазкур: **«Ташаккули истилоҳоти китобдорӣ ба воситаи пешвандҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дошта, дар он нақши пешвандҳо дар созмони истилоҳоти китобдорӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Дар созмони истилоҳоти китобдорӣ миқдори пешвандҳо он қадар фаровон нестанд. Инҳо пешвандҳое мебошанд, ки дар сохтани истилоҳот нақши муҳимеро мебозанд.

Фасли панҷуми боби дуюм **«Истилоҳоти мураккаби китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ »** номгузорӣ шуда, қайд карда мешавад, ки ин навъи истилоҳ дар соҳаи китобдорӣ нисбатан зиёдтар ба назар мерасад.

Фасли шашуми боби дуюм **«Ибораистилоҳоти соҳаи китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** номгузорӣ шуда, диссертант зикр намудааст, ки дар забони тоҷикӣ ба ҷузъ алоқаи изофии ибораҳо бо роҳи пешванд сохтани ибораистилоҳот низ мушоҳида карда мешавад, ба монанди: феҳрист бе ишора – directory without reference, ҷои китобдиҳӣ дар китобхона – librarian place in the library, муҳргӯзорӣ ба китоб – sealed to the book, ҷудокунии китоб дар махзан – sort the book in the bookstore, огоҳинома ба хонанда – noticification to the readers, карточкаи иловагӣ дар феҳрист – additional card in the cataloge, нашри аз чоп набаромада – unpublish addition, нашри бе сана – publish without date, маҷмуъаи бе сарлавҳа – untitle set, ғунҷонидани китоб дар махзан – storing the book in the bookstore;

Фасли шашуми боби дуюм **«Ихтисораи истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дорад, дар ин зербоб истилоҳоти соҳаи китобдорӣ бо ихтисораҳо маънидод карда шудааст. Робияи Абдусамад зикр кардааст, ки ихтисораҳо ҳамчун яке аз роҳҳои ташаккули калимаҳо тавонистаанд, ки диққати як қатор забоншиносонро ба худ ҷалб намоянд. Дар забони тоҷикӣ дар қисмати морфологияи «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик», инчунин дар баъзе қисматҳои китобҳои дарсӣ қайдҳои начандон пурра дида мешавад. Аз забоншиносони тоҷик оид ба ихтисораҳо метавон аз асарҳои С.Хоркашев, Ю.Сафаров, Н.Шарипов, П.Нуров, каме маълумот гирифт. Аксарияти ихтисороти соҳаи китобдорӣ танҳо ба коршиносони соҳа маълуманд. Дар забоншиносии рус оид ба ихтисораҳо В.В.Борисов, Ю.В.Горшунов, Н.Н.Ракитина, С.И.Балишин таҳқиқот анҷом додаанд. Дар соҳаи китобдории англис ихтисораҳо дар таҳқиқотҳои Ҷ. Байрон, В. Джон, Л. Клак мушоҳида карда мешавад, вале ин ихтисораҳо ба таври пурра шарҳу тавзеҳ наёфтаанд.

Боби 3-юм ба **Таҳлили маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ** бахшида шудааст. Дар боби мазкур сухан оиди таҳлили маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ меравад. Илова бар ин, аломатҳои сермаъноӣ, ҳамгунагӣ, муродифӣ, шарҳи луғавии бархе аз истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои муқоисашаванда, истилоҳоти иқтибосшуда ва ба кадом ҳиссаи нутқ марбут будани силсилаистилоҳот ва ё истилоҳиборaҳои бахши ёдваршуда мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Зербоби якум **«Сермаъношавии истилоҳоти китобдории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** мебошад. Дар зербоби мазкур хусусиятҳои сермаъноии калимаҳо дар мисоли истилоҳоти китобдорӣ таҳлил гардидааст.

Зербоби дуюм **«Муродифошавии истилоҳоти китобдории забонҳои**

**точикӣ ва англисӣ»** номгузорӣ шуда, дар ин зербоб зуҳуроти муродифот дар истилоҳоти китобдорӣ таҳлил гардидааст.

Зербоби сеюм "**Ҳамгунашавии истилоҳоти китобдории забонҳои точикӣ ва англисӣ**" ном гузошта, дар он зуҳуроти омонимия дар забонҳои точикӣ ва англисӣ барррасӣ гардидааст.

Фасли чоруми боби мазкур "**Мутазодшавии истилоҳоти китобдории забонҳои точикӣ ва англисӣ**" ном дорад. Дар зербоби мазкур диссертант қайд мекунад, ки миқдори он истилоҳоти китобдорӣ, ки ин воҳид ё хусусияти луғавиро ба худ касб кардаанд, хело зиёд нестанд, ба монанди: *асноди хаттӣ – writing document – асноди чопӣ – printed document, тозанашр – new edition, куҳнашуда ва дигарон.*

Зербоби панчум "**Вожаҳои иқтибосӣ дар таркиби истилоҳоти соҳаи китобдорӣ**" номгузорӣ гардида, дар он калимаҳои иқтибосӣ аз забонҳои гуногун дар мисоли истилоҳоти китобдорӣ таҳлил карда шудааст.

Автореферати диссертатсия мухтавои асосии онро инъикос менамояд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Робияи Абдусамад дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои точикӣ ва англисӣ» дар асоси меъёрҳои нави илмӣ ба анчом расидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл ва зерфаслҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи меъёрҳои нави таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ рисола аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Дар раванди таҳқиқ унвончӯ дар бахши назариявӣ бештар ба андешаҳои забоншиносони русу англис такия намуда, диду назари суханшиносони точик рочеъ ба масъалаҳои назарии истилоҳ аз нигоҳи муаллифи рисола дур мондааст.
2. Муаллиф ҳангоми тавсифи ибораистилоҳот ба иштибоҳ роҳ додааст, яъне тарчумаи дурусти ибораистилоҳи "адабиёти бадеӣ"-ро сарфи назар намуда, муодили ғайримаъмули онро овардааст. Хуб мешуд ки ҳангоми тарчумаи ибораистилоҳот аз сарчашмаҳои муътамад истифода менамуд. Ё ин ки дар чадвал диаграммаҳо artistic book – китоби бадеӣ омадааст, хуб мешуд муҳаққиқ муодили дурусти он, яъне "fiction book"-ро истифода менамуд.
3. Муаллифи рисола ҳангоми баррасии мавзуъ ба фарҳангҳои тафсирии англисӣ таваччуҳ мекард арзиши илмии рисола боз ҳам боло мерафт.
4. Муҳақиқ дар баъзе аз саҳифоти рисола (саҳ. 15, 16) аз муаллифи сарчашмаи ёдовар нашудааст.
5. Дар баъзе аз саҳифаҳои диссертатсия ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба чашм мерасад (саҳ.75, 89, 102 ва ғ.).

Эродҳои болозикр аҳамияти назариявӣ ва амалии кори анчомшударо коста намегардонанд ва диссертатсияи Робияи Абдусамад дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар

забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) таҳқиқи илмии анҷомёта махсуб ёфта, ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқаризи расмӣ, номзади илми филология,
дотсенти кафедраи филологияи англисии
Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон Саъдиева Г.Ф.

Имзои Г.Ф. Саъдиеваро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон
н.и.т., дотсент Раҳимов А.А.

"05" 06 2023